**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**

**Сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия**

**Насуриён П.А.**

**“ 11 ” 05 2024 сол**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Таҳқиқоти диссертатсионии Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз тарафи муаллиф мустақилона омода карда шуда мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, № 15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Дар таҳқиқоти илмии гузаронидашуда муайян шудааст, ки қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ – дар шакли Қонун, дар асоси расмиёти муқаррар намудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 (бо тағйироту иловаҳои минбаъда), қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастури

Маҷлиси намояндагон ва Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ бо баргузории раванди қонунгузорӣ дар Парлумони кишвар, ки марҳалаи дуру дарозро дар бар мегирад ҳалли худро ёфтааст.

Таҳияи лоиҳаи қонун, баррасӣ ва қабули қонун, имзо намудани он, нашр ва ба қувваи амал даромадани қонун ин танҳо аз парлумони кишвар, ки ҳамчун мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор ба ҳисоб меравад, иборат нест. Раванди қонунгузории парлумон баррасӣ, муҳокима, қабули он аз ҷониби палатаи поёнӣ ва ҷонибдорӣ намудани он аз тарафи палатаи болоӣ, ба имзорасонӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Пеш аз ба миён омадани раванди қонунгузорӣ таҳияи лоиҳаи қонун, ки ҷараёни қонунэҷодкунӣ низ меноманд ба миён омада, таҳиякунандагон, мутахассисон аз мақомоти давлатӣ, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, олимон, экспертон ва ғ., дар омода намудани лоиҳаи қонун иштирок менамоянд, ки он марҳалаи дуру дарозро дар бар мегирад. Рисолаи илмӣ тамоми давраҳои асосии раван ди қонунгузориро дар парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогир мебошад.

Дар рисолаи таҳқиқотӣ хусусият, нишонаҳо, мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ низ дар баробари фаъолияти қонунэҷодкунӣ мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор гирифтаанд, аммо муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот бештар ба масоилҳои раванди қонунгузорӣ аҳамият додааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар раванди қонунгузорӣ ҳамоҳангсозии фаъолиятии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он, ҳамзамон, бо дигар мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои илмию экспертӣ, бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба назар мерасад.

Омӯзиш ва таҳлили рисола нишон медиҳад, ки ҳамаи нуктаҳои муҳими зикргардида зимни таҳқиқи раванди қонунгузории парлумон ба

инобат гирифта шуда аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои илмие, ки ба раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут мебошанд, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида, ҳамзамон масоилҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои пешрафт ва рушди илмӣ ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас дошта бошанд:

1. Дар таҳқиқоти мазкур накши калидиро омӯзиши масоили раванди қонунгузорӣ дар парлумони кишвар мебозад, ки он як раванди мураккаб буда, бо қонунэҷодкунӣ ба ҳам алоқаманданд. Дар назари аввал раванди қонунгузорӣ ҳамчун як раванди оддӣ дар фаъолияти парлумон ба ҳисоб меравад. Аммо ба назари муаллифи рисола ин як раванди одди набуда қонунэҷодкунӣ бо раванди қонунгузорӣ дар алоқамандӣ мебошанд ва ҳамзамон дар навбати худ қонунэҷодкунӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад.(саҳ. 51) Ба андешаи муаллифи рисола раванди қонунгузорӣ низ хусусиятҳои ба худ хос дошта аз давраҳои муайян ва принсипҳо иборат мебошанд.

2. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки раванди қонунгузорӣ бо қонунэҷодкунӣ дар алоқамандӣ мебошад, чунки бе пешниҳоди лоиҳаи қонун раванди қонунгузорӣ оғоз намеёбад. Яъне бе фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба амалбарории раванди қонунгузорӣ имконнопазир аст. Қонунэҷодкунӣ ва ё таҳияи лоиҳаи қонун берун аз раванди қонунгузорӣ анҷом дода шуда аз давраҳо ҳам иборат нест.

Ҷанбаи муҳимми раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ дар он ифода мегардад, ки он бо риояи техникаи қонунгузорӣ, дар асоси принсипҳои ба он алоқамандбуда чараён мегирад. Дар ин раванд саҳми субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузоридошта хеле назаррас мебошад, зеро маҳз аз фаъолияти босамари онҳо оғоз ва ба роҳ мондани раванди қонунгузорӣ вобаста мебошад. Ба андешаи муаллифи рисола фаъолият субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо раванди қонунгузорӣ алоқамандии

ногусастанӣ дошта, баъзе аз субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ метавонад ба раванди қонунгузорӣ таъсир расонанд.

3. Бо мақсади ноил шудан ба раванди қонунгузорӣ он аз якчанд даврaҳо иборат мебошад. Ба андешаи муаллифи рисола раванди қонунгузорӣ аз давраҳои асосӣ ва ғайриасосӣ иборат мебошад. Аммо назарияҳои илмӣ доир ба ин масъала гуногунанд. Ба назари як қатор олимон, давраҳои раванди қонунгузорӣ аз пешниҳоди лоиҳаи қонун, баррасӣ, муҳокима, қабул дар палатаи поёнӣ, ҷонибдорӣ намудан дар палатаи болоӣ, имзо ва интишори қонун аз тарафи Президентро мансуб медонанд.

Гурӯҳи дигари олимон ба ин масъала назари дигар доранд. Онҳо бар он назаранд, ки баргардонидани лоиҳаи қонун аз ҷониби Президент барои такроран баррасӣ намудан аз тарафи Маҷлиси миллӣ ба давраҳои асосии раванди қонунгузорӣ марбут мебошад. Аммо дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ исбот шудааст, ки гуфтаҳои охир ба давраҳои асосии раванди қонунгузорӣ шомил нестанд ва муаллиф онҳоро ба давраҳои иловагӣ дохил намуда, ба тариқи илмӣ андешаҳои худро асоснок кардааст.

4. Тарафи дигари мусбии рисола дар он аст, ки ҳар як даврai раванди қонунгузорӣ пай дар пай амалӣ карда мешавад ва он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон, пай дар пай ҷараён гирифани раванди қонунгузорӣ муфассал дар дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст. Ҳамчунин баъзе аз қисматҳои даврai қонунгузорӣ дар Дастури Маҷлиси миллӣ ифодаи худро ёфтаанд.

5. Дар моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонугузорӣ муқарар карда шудаанд, ки аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошанд.(саҳ.50)

Аммо дар баробари муқаррар намудани субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба пешниҳод намудани лоиҳаи қонун дар бораи авф ва буҷети давлатӣ, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории махсус, Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ваколатдор намудааст ва қобили қайд аст, ки ин субъектон муваззафанд ин ваколатро анҷом диҳанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошанд:

Дар боби якум "Асосҳои назариявии ҳуқуқӣ-конститутсионии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз се зербоб иборат буда перомуни андешаҳо оид ба мазмун, фарқият ва алоқамандии ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва раванди қонунгузорӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар зербоби аввали боби якуми таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шудааст, ки робитаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо раванди қонунгузорӣ ногусастанӣ мебошад. Ҳамзамон, назари як қатор олимон мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкуниро тавсиф намуда, ин ду мафҳумро ба раванди қонунгузорӣ марбут медонанд.

Аммо натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ин фаъолиятҳо дар алоҳидагӣ ба амал бароварда шуда, аз раванди қонунгузорӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Албатта, Маҷлиси Олӣ фаъолияти ҳукукэҷодкуниро ба амал мебарорад, аммо ғайр аз Маҷлиси Олӣ ба субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ Президент, Ҳукумат сохторҳои он, дигар мақомоти давлатӣ, халқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил мешаванд. Аммо раванди қонунгузорӣ танҳо субъектони ба худ хос дошта, наметавонад аз доираи муайншуда берун барояд ва ё ваколати қабули қонунро ба мақомоти дигар вогузор намояд. Ҳол он, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат метавонад ба субъектони дигар вогузор карда шавад.

Дар зербоби дуюм раванди давраҳои қабули қонун мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар ин радиф қайд кардан ба маврид аст, ки иштирокчиёни давраҳои раванди қонунгузорӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: ба гурӯҳи якум вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва ба гурӯҳи дуюм, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат, сохторҳои он, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, экспертон, мутахассисони соҳаҳои гуногун ва ғайра дохил мешаванд.

Иштирокичиёни раванди қонунгузории гурӯҳи якум аз иштирокчиёни гурӯҳи дуюм бо он фарқ менамоянд, ки вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ дар қабул ва ҷонибдории қонун саҳми асосӣ дошта, бе иштироки онҳо қабули қонун имконнопазир мебошад.

Зербоби сеюми боби якум ба принсипҳое, ки ба таъсиси мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор алоқаманд мебошанд ва дар асоси ҳамин принсипҳо ин мақомот ташкил мешавад ибрози назар карда шудааст. Ҳамчунин принсипҳои умумиэътирофшудае, ки барои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ хос мебошанд мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки принсипҳои дар рисола мавриди таҳлил қароргирифта ба даврони мусоир мутобиқ мебошанд, зеро дар даврони шуравӣ на ҳамаи ин принсипҳо мавҷуд буданд. Албатта, бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёр гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон, парлумони амалкунанда дар асоси принсипҳои дар рисола мавриди омӯзиш қароргирифта таъсис дода мешавад.

Боби дуюми рисола “Субъектҳо ва механизми амалисозии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ”, ном дошта аз чор зербанд иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби дуюм, ки ба мафҳуми субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бахшида шудааст, таҳияи лоиҳаи қонун яке аз давраҳои асосӣ ба ҳисоб меравад ва оиди ин масъала назарияҳои илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамчунин дар ин зербоб вазъи ҳуқуқии дигар иштирокчиён ва субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар раванди қонунгузорӣ фаъолияти парлумони кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, вазъи ҳуқуқии субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моддаи 58 Конститутсия муқаррар намудааст ва ҳамзамон, назарияҳои илмӣ оид ба масъалаи мазкур таҳлил шудаанд. Ҳамзамон, муаллиф назария ва ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро доир ба фарқияти байни субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм, оид ба масоили ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз субъектони асосии раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад ибрози назар карда шудааст. Қобили қайд аст, ки вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии Прзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки амалӣ гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар шакли дастаҷамъона ҳамчун Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба тариқи инфиродӣ, ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонад. Зарурат, мазмун ва тартиби амалисозии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Прзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рисолаи диссертатсионӣ хеле муфассал мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Зербоби чоруми боби дуюм, ба амалӣ гаштани хуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин зербоб аҳамияти пешниҳод намудани лоиҳаи қонун аз тарафи Ҳукумат, ки

яке аз субъектони фаъоли раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мамлакатҳои хориҷӣ махсуб меёбад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола ба қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тафсири қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар рафти таҳқиқоти илмӣ назари шахсии муаллиф оид ба тартиби қабули қонунҳо, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Парлумон, ҳамзамон, давраҳои раванди қонунгузорӣ бо дарназардошти риояи принсипҳои қонунгузорӣ муқаррарнамуда бо пешниҳоди хулосаҳои муфид натиҷагирӣ карда шудаанд.

Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври расмӣ ба амал бароварда мешавад. Аммо доир ба баъзе аз масъалаҳо муаллиф назари шахсии худро иброз намудааст. Аз ҷумла, ӯ қайд менамояд, ки то имрӯз гарчанде аз фаъолияти доимоамалкунанда ва касбии Маҷлиси Олӣ зиёда аз 25 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, аммо то ҳол ба ягон моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тафсири расмӣ дода нашудааст.

Боби чоруми рисола ба масъалаҳои мубрами банақшагирии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби чорум банақшагирии фаъолияти Маҷлиси Олиро дарбар гирифтааст. Дар ин зербоб на танҳо банақшагирии раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ, балки банақшагирии таҳия ва қабули қонунҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Банақшагирии раванди қонунгузорӣ ва ё таҳияи қабули қонунҳо, мукаммал намудани қонунҳои қабулшуда, қабул намудани қонунҳои нав, аз эътибор соқит донистани қонунҳо ва ғайраро дар назар дорад.

Зербоби дуюми боби чорум, ба экспертизаи лоиҳаи қонунҳо бахшида шудааст. Муаллиф дар рисола якчанд намудҳои эксперти лоиҳаи қонунҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳамчунин, муаллиф ба намудҳои экспертизаи ҳатмии лоиҳаи қонунҳо аз ҷумла, экспертизаи ҳуқуқӣ, экспертизаи зиддикоррупсионӣ, экспертизаи модда ба моддаи қонунҳо аҳамияти ҷиддӣ додааст.

Боби панҷуми рисола ба тартиби имзои қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интишор ва ба қувваи амал даромадани онҳо бахшида шудааст.

Муаллиф бар он андеша аст, ки ба имзорасонӣ давраи ниҳоии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, муаллиф андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро оиди ин масъала ҳаматарафа таҳлил намуда оид ба онҳо назари худро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, муаллиф тартиби интишори қонунҳо дар расонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ баъд аз ба имзо расидан аз ҷониби Президентро низ муфассал таҳлил намудааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмии пешниҳодшуда, аз он далолат медиҳад, ки онҳо аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дошта, барои пешрафти илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи парлумонӣ мусоидат хоҳанд кард.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳамчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳод шаванда, асосӣ илмӣ ва амалӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро асарҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, таҳқиқотҳои соҳавӣ ва амалии мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор, дигар мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳлили мавзуи диссертатсия, муаллиф аз принсипҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии зерин истифода намудааст: таърихӣ, муқоисавӣ, расмӣ-мантиқӣ ва ғайра.

**Ифодаи натиҷаҳои илмӣ дар нашрияҳо ва чорабиниҳои илмӣ.**

Муқаррароти умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои дар он ҷойдошта дар ҳаҷми зарурӣ нашр шудааст: 2 монография, ду васоити таълимӣ, зиёда аз 25 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла

15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 10 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расонидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф дар якчанд конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар шакли маърузаҳо иброз шудаанд.

**Дар рисолаи илмии таҳқиқотии Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна баъзе аз эродҳои хусусияти мубоҳисавӣ дошта ба назар мерасанд, лекин эродҳои овардашуда ба моҳияти рисолаи илмӣ таъсир намерасонад:**

1. Муаллиф дар банди шашуми нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, ки мазмуни ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли таклифҳои қонунгузорӣ ва раванди қонунгузорӣ баррасӣ ва таҳқиқ шуда, ҳамзамон, қайд менамояд, ки байни ин мафҳумҳо, “ташаббуси қонунгузорӣ” ва “таклифҳои қонунгузорӣ” фарқият вуҷуд дорад.

Ин ақидаи муаллиф ҷавобҳои иловагиро ба як қатор саволҳо тақозо мекунад. Аввалан мафҳум ва мазмуни ташаббуси қонунгузорӣ, ҳамзамон, субъектони ташаббуси қонунгузорӣ оё дар ягон санади меъёрии ҳуқуқи муқаррар шудаaанд? Дуюм байни субъектони ташаббуси қонунгузорӣ ва таклифҳои қонунгузорӣ ягон тафовут ва фарқияте дида мешавад? Сеюм таклифи қонунгузорӣ дар кадом шакли ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад?

2. Бо мақсади такмили раванди қонунгузорӣ дар банди ёздаҳуми нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳифаи 24 ва саҳифаи 243-и рисола муаллиф пешниҳод менамояд, ки Маҷлиси намояндагон пеш аз қабули лоиҳаи қонун онро барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд. Ба андешаи мо пешниҳоди лоиҳаи ҳамаи қонунҳо ба муҳокимаи умумихалқӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагон дар фаъолияти он сарбории иловагиро ба миён меорад. Ин пешниҳоди муаллиф аз лиҳози илмӣ хеле масъалаи баҳснок аст. Умедворем муаллиф дар ҷараёни ҳимоя ин пешниҳоди худро асоснок менамояд.

3. Дар саҳифаи 319-и рисола муаллиф қайд менамояд, ки дар раванди қонунгузорӣ мавҷудияти баъзе масъалаҳои ҳалталаб низ ба мушоҳида

мерасад, аз ҷумла, гузаронидани экспертизаҳои такрории ҳуқуқию зидди коррупсионии лоиҳаи қонунҳо ва дигар намудҳои экспертиза. Муаллиф қайд менамояд, ки дар миёни экспертизаҳои зиёди лоиҳаи қонунҳо экспертизаи илмӣ ба назар намерасад (саҳ314). Аммо дар бораи хусусият тартиби гузаронидан ва фарқияти экспертизаи илмии лоиҳаи қонунҳо аз дигар экспертизаҳои ҳуқуқи назари муаллиф дар диссертатсия пешниҳод нашудааст?

4. Дар саҳифаи 170-и рисола муаллиф қайд менамояд, ки Президент нисбат ба дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бартарӣ дошта пешниҳодҳои ӯ дар самти қонунгузорӣ афзалият доранд. Чунин хулосабарории муаллиф аз ҷиҳати илмӣ баҳснок буда мавқеи Парлумонро дар ҷараёни қонунгузорӣ зери суол мегузорад.

Эродҳои зикршуда аз лиҳози илмӣ, мубоҳисавӣ ва баҳснок буда ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмии комил таъсири манфӣ намерасонад. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои зикрнамудаи муаллиф мароқангез буда диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ:**

Дар умум рисолаи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ” ба унвони таҳқиқоти комил ба банди 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу аст. Муаллифи рисола Яқубова Сабоҳат Нарзуллевна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ сазовор мебошад.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима шуд. Дар семинар иштирок намуданд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 2 аз 6 майи соли 2024.

**Қисми хотимавии тақриз – хулоса.**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пай дар ҳам бо услубӣ илмӣ таҳия гардидааст.

Дар рисолаи илмӣ андешаҳои гуногуни илмӣ роҷеъ ба мавзуи мазкур иброз гардида, ҷанбаҳои асосии раванди қонунгузории парлумони кишвар, хулосаҳои аҳамияти муҳим дошта ва тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати такмили илми ҳуқуқи конститутсионӣ манзур гардидааст.

Дар маҷмуъ рисолаи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи "Масъалаҳои мубрам ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқи конститутсионӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Назарзода Носир Ҷобир - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (12.00.01), профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси талаботҳои бандҳои 76-79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 таҳти № 295) тасдиқ шудааст, омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи

ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Протоколи кафедра таҳти № 10 аз 7 майи соли 2024.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримзода У.К.

Ташхисгари диссертатсия,
профессори кафедраи ташкили
идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи
факултети №1 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикис тон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Н.Ҷ.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
сардори кабинети кафедраи фанҳои
давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумхурии Тоҷикистон,
майори милитсия Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Имзоҳои «Каримзода У.К., Назарзода Н.Ҷ.,
Қурбонзода Ҷ.Ғ.»–ро тасдиқ менамоям:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Камолӣ З.Б.

«21» 05 соли 2024

734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Мастонгулов, 3. Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касби «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Тел: (+992 37) 226-60-42. Факс: (+992 37) 226-60-43; сомона www.avkdtj: E-mail: www.avkdtj: